**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚАРОР

## Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои баргардонидани маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби мутахассисони ҷавон, ки тибқи роҳхат ба ҷои кор ҳозир нашудаанд

Мутобиқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад

1) Қоидаҳои баргардонидани маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби мутахассисони ҷавон, ки тибқи роҳхат ба ҷои кор ҳозир нашудаанд, тасдиқ карда шаванд (замима мегардад).

2) Вазорату идораҳо, ки дар сохторашон муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ доранд, баргардонидани маблағҳои буҷетиро аз ҳисоби мутахассисони ҷавоне, ки тибқи роҳхат ба ҷойи кор ҳозир нашудаанд, дар асоси Қоидаҳои мазкур таъмин намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 2 июли соли 2009 № 391
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 июли соли 2009, № 391
тасдиқ шудааст

**Қоидаҳои баргардонидани маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби мутахассисони ҷавон, ки тибқи роҳхат ба ҷои кор ҳозир нашудаанд**

1)Қоидаҳои баргардонидани маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби мутахассисони ҷавон, ки тибқи роҳхат ба ҷои кор ҳозир нашудаанд (минбаъд Қоидаҳо) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, тартиби баргардонидани маблаҷҳоро аз тарафи мутахассисони ҷавон, ки аз ҳисоби маблағҳои буӣети давлатӣ муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии ҷумҳуриро хатм намудаанд, вале тибқи тақсимоти комиссия ва роҳхати мақоми дахлдор бе сабабҳои узрнок ба ҷои кор ҳозир намешаванд, муайян менамояд.

2) Аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар мақсаднок буда, баҳри таъмини талаботи корхона, ташкилот ва муассисаҳои ниёзманд ба мутахассисон ба роҳ монда мешавад.

3)Шаҳрвандоне, ки муассисаҳои таълимии давлатиро хатм кардаанд, мувофиқи роҳхати мақомоти дахлдор ва шартномаи тарафайн на камтар аз се сол аз рӯи ихтисос бояд кор кунанд. Иҷро нагардидани талаботи мазкур оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, ки он аз ӯҳдадориҳои тарафайн бармеояд.

4) Дар ҳолати бе сабабҳои узрнок тибқи тақсимоти комиссия ва роҳхати мақоми дахлдор ба ҷои кори муайяншуда ҳозир нашудани мутахассиси ҷавон, ё аз кор саркашӣ намудан, инчунин қабл аз ба охир расидани мӯҳлати ҳатмиии кор бо сабаби вайрон кардани қонунгузории меҳнат аз кор озод намудани ӯ тамоми хароҷоте, ки барои тайёр намудани мутахассиси ҷавон сарф шудааст, аз ҳисоби ӯ рӯёнида мешавад.

5) Дар ҳолати бо сабабҳои узурнок (ба кори интихобӣ гузаштан, аз даст додани қобилияти корӣ, бе саробон мондани оила (вафоти падар), агар дар оила хоҳару додарони ноболиғ монда бошанд) ба ҷойи кор ҳозир нашудан, мутахассиси ҷавон аз баргардонидани маблағҳои буҷетӣ озод карда мешавад.

6) Корхонаю ташкилот ва муассисаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки бо муассисаи таълимӣ шартнома дар бораи ба кор қабул намудани мутахассисони ҷавон ва ӯҳдадории худ оид ба таъмини мутахассисони ҷавон бо кор тибқи роҳхат иҷро накардааст, Ҳамаи хароҷотеро, ки давлат барои таҳсили мутахассиси ҷавон сарф намудааст, бояд баргардонад.

7) Баргардонидани маблаҷҳои буҷетӣ бо тартиби зерин сурат мегирад:

- дар ҳолати бе сабабҳои узрнок тибқи тақсимоти комиссия ва роҳхати мақоми дахлдор ба ҷойи кор ҳозир нашудани мутахассиси ҷавон, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил намудааст, дар мӯҳлатҳои муқарраршуда муассисаи таълимӣ баргардонидани маблағҳоеро, ки барои тайёр намудани мутахассисони ҷавон сарф гардидааст, талаб менамояд;

-маблағ аз ҷониби мутахассисони ҷавон, корхонаю ташкилот ва муассисаҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи бандҳои 4 ва 5 Қоидаҳои мазкур ба хазинаи муассисаи таълимӣ тибқи Тартиби муқаррараргардида ворид карда мешавад;

-маблағҳои баргардонидашуда аз ҷониби муассисаи таълимӣ ба суратҳисоби ягонаи қисми даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ (вобаста аз сарчашмаи маблағгузории муассисаҳои таълимӣ) ба Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешавад.

8)Дар сурати пардохт накардани маблағҳои хароҷотшуда ин маблағҳо ба тариқи судӣ рӯёнида мешавад. Даъвои судӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ пешниҳод карда мешавад.

9)Бе пардохти маблағ диплом ба мутахассиси ҷавоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил намудааст, вале тибқи роҳхат ба кор ҳозир нашудаанд, дода намешавад.

10) Ҳаҷми маблағи пардохтшаванда аз ҷониби муассисаи таълимӣ бо назардошти маблағҳои буҷетӣ ва шартномавии муассиса ба ҳисоби миёна ба ҳар як донишҷӯ, дар як сол муайян карда мешавад. Ҳангоми муайян намудани маблағи солона сатҳи таваррум тибқи маълумоти расмӣ ба назар гирифта мешавад.

11) Маъюбони гурӯҳи 1, 2 ва 3, ятимон ва оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ аз баргардонидани маблағҳои буҷетӣ озод карда мешаванд.

12) Дар ҳолати аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор ва муассисаи таълимӣ ба кор таъмин накардани мутахассиси ҷавоне, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ таълим гирифтааст, мутахассиси ҷавон аз баргардонидани маблағ ба буҷет озод карда мешавад.